# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ – Ғафуров А.М. ба рисолаи унвонҷӯ Мирзоев Ғолибшо дар мавзӯи “Фаъолияти “Биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 02 - Таърихи ватанӣ.**

Дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистони солҳои 1930-уми асри XX ҷои намоёнро “биступанҷҳазориён” ва бригадаҳои сарпараст - отрядҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҳукумати Шуравӣ аз вазифаҳои бартараф намудани қафомонии иқтисодӣ ва тараққиёти нуравҷи тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баромада, барои тезондани тараққиёти колхозҳо ва тараққӣ додани обёрӣ ва заминкушоӣ дар Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешиданд.

Барои татбиқи сохтмони обёрикунӣ ва рушди кишоварзӣ дар Тоҷикистон шароити мусоиди табиӣ, алалхусус фаровонии об, офтоб, захираҳои меҳнатӣ мавҷуд буданд. Аммо халқи тоҷик дар он солҳои душвор танҳо бидуни кумаки беруна ин вазифаи душвортаринро ҳал карда наметавонист. Барои ҷумҳурӣ шумораи зиёди техника, коргарон, мутахассисон ва одамони босавод лозим буданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки давлати шӯравӣ дар як муддати кутоҳи таърихӣ се барномаи бузург – саноатикунонии мамлакат, коллективонии хоҷагии қишлоқ ва сохтмони маданиро амалӣ намуд, ки давлати шӯравиро ба сатҳи нави рушд баровард. Бояд зикр намуд, ки ин се барнома маҳз бо ширкати фаъолонаи “биступанҷҳазориён” дар амал татбиқ шуд. Аз ин рӯ, дар замоне, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар назди хеш барномаҳои бузургеро нисбати ба даст овардани амнияти озуқаворӣ, баромад аз бунбасти коммуникатсионӣ ва истиқлолияти энергетикиву саноатикунонии кишварро пеш гирифтааст, таҷрибаи таърихии солҳои 30-уми асри XX хеле бамаврид мебошад.

Биступанҷҳазориён дар бунёди колхозу совхозҳо, иттиҳодияҳои гурӯҳӣ, ташкили чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ дар деҳот ва ҷалби оммаи деҳқонон ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва чорабиниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолона ширкат варзиданд. Фиристодагони Федерасияи Русия ба меҳнаткашон дар ташкилотҳои ҳизби коммунистиву Шӯроӣ ва хоҷагӣ дар мустаҳкам намудани хоҷагиҳои суст ва интизоми меҳнат кӯмак расонданд.

Ҳадафи таҳқиқот инъикоси илмии раванди ба Тоҷикистон омадани "биступанҷҳазориён" ва саҳми онҳо дар рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон мебошад.

Навоварии илмии рисола дар он аст, ки он а) раванди ба Тоҷикистон омадан ва ҷобаҷокунии "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст нишон дода мешавад; б) саҳми онҳо дар рушди саноати кишвар муайян карда мешавад; в) нақши "биступанҷҳазориён" дар рушди соҳаи аграрии Тоҷикистон инъикос меёбад; г) бори аввал ба муомилоти илмӣ маводи нави бойгонӣ ворид мешавад, ки саҳми "биступанҷҳазориёнро" дар равандҳои иншооти обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар ҷумҳурӣ, бахусус дар водии Вахш, инъикос мекунад; д) хусусиятҳо ва мушкилоти ин марҳила муайян карда мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар омӯзиши рушди иқтисодиёти Тоҷикистони шӯравӣ дар солҳои 1930-ум аз нигоҳи нав истифода шаванд. Чун дар замони истиқлолияти давлатӣ яке аз аввалин ҳадафҳои асосии ҳукумат расидан ба бехатарии озуқаворӣ ва ҳадафи чоруми он саноатикунонии кишвар мебошад, барои самаранок истифода бурдани замин ва идоракунии ин раванд таҷрибаи "биступанҷҳазориён" ва сарпарастони солҳои 1930-ум метавонад муфид бошад.

Ҳамин тариқ, Мирзоев Г. аз ӯҳдаи таълифи рисолаи илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи мазкур ба ихтисоси 07. 00. 02 - Таърихи ватанӣ пурра

мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 02 - Таърихи ватанӣ, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо дар мавзӯи "Фаъолияти "Биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ ба ҳимояи озод тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои**
**таърих, дотсент, мудири шуъбаи**
**таърихи навтарини Институти**
**таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Ғафуров А .М.**

Имзои Ғафуров А.М.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК Файзуллоева Г.

16.03.22.